Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 126 (4709) | ҶУМЪА, 20 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**Субҳи рӯзи 19-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ифтитоҳи иншооти таъиноти гуногун ва шиносоӣ бо вазъи зиндагии сокинон ба ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

Меҳмони олиқадр-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳ роҳбарият ва фаъолону сокинони ноҳия бо самимияти хос истиқбол гирифтанд.

**19-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали Артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар ноҳияи Фархор Дидбонгоҳи сарҳадии «Кокул»-ро ба истифода доданд.**

Дар дидбонгоҳи сарҳадӣ шароити дараҷаи баландтарини хизмат, таълим, истиқомат, нигоҳдории техника ва дигар имконияти зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути таҷҳизоти видеоӣ - онлайнӣ дидбонгоҳҳои сарҳадиро дар ноҳияҳои Лахш, Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон, ноҳияҳои Рӯшон, Ишкошим, Мурғоб ва шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба истифода супориданд. Сардорони дидбонгоҳҳо аз омодагии ҳайати шахсӣ барои муҳофизати сарҳади давлатӣ ба Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш доданд.

Дар маҷмӯъ, ин рӯз дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 дидбонгоҳи сарҳадӣ ва 96 манзили истиқоматӣ барои афсарон ба истифода дода шуд, ки дар натиҷа, барои 1450 нафар афсарону сарбозон шароити арзандаву шоистаи хизмату зист муҳайё карда шуд.

Дар дидбоногоҳҳои сарҳадӣ мутобиқ ба талабот барои афсарону сарбозон шароит мавҷуд аст. Ҳуҷраҳои корӣ барои афсарон, толорҳои барҳаво барои хоб, ошхона бо таҷҳизоти зарурӣ, китобхона, буғхона ва дигар имконият барои ҳайати шахсӣ фароҳам оварда шудааст.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали Артиш, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афсарону сарбозонро бо истифода аз шароити мавҷуда барои иҷрои пурраи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва ҳимояи марзу буми давлатӣ ҳидоят карданд.

Сарвари давлат ёдовар шуданд, ки соли 2023 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сохтмони дидбонгоҳҳои замонавӣ, муҷаҳҳазгардонӣ ва бунёду ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ барои афсарон тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардонида шуд.

Аз моҳи сентябри соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари давлат бунёди 78 иншооти нави сарҳадӣ оғоз гардид ва ҳамаи он пурра дар муҳлати кӯтоҳ мутобиқ ба талаботи ҳарбӣ бо сифати баланд ба истифода дода шуд.

Ин баландтарин нишондод дар самти бунёду ба истифода додани иншооти сарҳадӣ, муҷаҳҳазгардонӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои муҳофизати сарҳади давлатӣ дар Тоҷикистон бори аввал дар соли 2023 ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди иншооти сарҳадӣ, муҷаҳҳазгардонӣ, мустаҳкам кардани заминаи моддию техникӣ ва фароҳам овардани шароити замонавии хизмат изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид карданд, ки раванди беҳсозии шароити хизмат дар Қӯшунҳои сарҳадӣ идома дода мешавад.

Соли 2024, ки аз таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол пур мегардад, иловатан 12 дидбонгоҳи сарҳадӣ сохта, ба истифода дода мешавад. Ҳамчунин, дар тамоми хатҳои сарҳади давлатӣ мутобиқ ба талаботи зарурӣ шароити замонавӣ барои афсарону сарбозон барои муҳофизати Тоҷикистони соҳибистиқлол фароҳам оварда мешавад.

Ҳамзамон, барои захираи маҳсулоти ғизоӣ ва нигоҳдории амволи шайъӣ мутобиқ ба талабот имконият мавҷуд буда, сарбозону афсарон пайваста зери таваҷҷуҳу дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Анборҳо барои нигоҳдории техникаҳои ҳарбӣ пешбинӣ карда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**



# МУЛОҚОТИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МУҲАММАД РИЗО ОШТИЁНӢ

**18-уми октябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири дифоъ ва пуштибонии Неруҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Ризо Оштиёниро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои вобаста ба равобити Тоҷикистону Эрон ва дар ин зимн, ҳамкориҳо байни ду кишвар дар соҳаи таъмини амният мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҷонибҳо бо ишора ба шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир зарурати таҳкими ҳамкориҳоро дар самти муқовимат ба зуҳуроти онҳо, ба монанди терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ таъкид намуданд.

Ҳар ду кишвар аз тавсеаи фаъолияти ҳамкорӣ, ҳамчунин, татбиқи ҳамаҷонибаи санадҳо ва мувофиқаҳои дар ин соҳа ҳосилгардида ҷонибдорӣ карданд.

**www.prezident.tj**



# ҚАДРДОНИИ ВАРЗИШГАРОНИ ПАРЧАМБАРДОР АЗ ҶОНИБИ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

**19-уми октябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷоизадорони Бозиҳои 19-уми Осиёии Ханжоу - 2022-ро ба ҳузур пазируфтанд.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ варзишгаронро барои ноил гардидан ба медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ дар Бозиҳои 19-уми Осиёии Ханжоу - 2022 ва баланд бардоштани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфтанд.

Сипас, муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо такя ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии варзишгарон ба Сомон Маҳмадбеков ва Давлат Болтаев калиди хонаи сеҳуҷрадор, ба Темур Раҳимов калиди хонаи дуҳуҷрадор ва ба Беҳрӯз Хоҷазода, Миҷгона Самадова, Ҳақназар Назаров ва Хайрандеш Муродзода калиди хонаи якҳуҷрадорро дар пойтахт тақдим намуданд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба варзишгарон барои иштирок дар мусобиқаҳои оянда барору музаффарият орзу намуда, таъкид карданд, ки ҷавонони бонангу номус муаррифгар ва номбардори Ватани хеш ба шумор рафта, ҳамеша зери таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Пешвои миллат қарор доранд.

Мавриди тазаккур аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба варзишгароне, ки дар Бозиҳои 19-уми Осиёии Ханжоу - 2022 медали тилло гирифтаанд - 150 000 сомонӣ, барандагони медали нуқра - 100 000 сомонӣ ва ба соҳибони медали биринҷӣ - 50 000 сомонӣ Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Ёдовар мешавем, ки Бозиҳои 19-уми Осиёии Ханжоу - 2022 аз 23-юми сентябр то 8-уми октябри соли 2023 дар шаҳри Ханжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин доир гардид. Дар он варзишгарони 45 давлати қораи Осиё иштирок карда, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 118 варзишгар дар 19 навъи варзиш қувваозмоӣ намуданд.

Дар корномаи варзишгарони тоҷик аз ин сабқат 7 медал сабт гардидааст, ки аз ин ду тилло - Сомон Маҳмадбеков (ҷудо) ва Давлат Болтаев (бокс), як нуқра - Темур Раҳимов (ҷудо) ва чор биринҷӣ - Беҳрӯз Хоҷазода (ҷудо), Хайрандеш Муродзода, Ҳақназар Назаров (кураш) ва Миҷгона Самадова (бокс) мебошанд.

**АМИТ «Ховар»**



# ВОХӮРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО АҲМАД ИБНИ МУҲАММАД АЛ-ҶАРВАН

**18-уми октябри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ҷарван мулоқот намуд.**

Зимни мулоқоти судманду самимӣ Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки мо саҳми Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳро, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба аҳамияти пешбурди таҳаммулпазирӣ ва сулҳу амонӣ, ҳамзамон ба муколама байни ҷонибҳои манфиатдори гуногун мусоидат кардааст, баланд арзёбӣ менамоем.

Мо дар Тоҷикистон арзиши сулҳу ваҳдат ва заруратӯ аҳамияти онро хеле хуб дарк мекунем. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози истиқлолият як муддат гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ ва нофаҳмиҳои дохилӣ шуда буд. Ҳадаф аз ёдовар шудани чунин падидаи нохуб он аст, ки бо саъю талош ва иродаи сиёсии роҳбарияти олии кишварамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо тавонистем бо роҳи таҳаммулпазирӣ ва сулҳхоҳона ба ноормӣ, мушкилоти дохилӣ ва нофаҳмиҳо дар ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ба зудӣ анҷом бахшем. Таҷриба ва амалияи сулҳи тоҷикон на танҳо аҳамияти миллӣ, балки арзиши ҷаҳонӣ дорад. Имрӯз аз он ифтихор дорем, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон барои дигарон намуна буда, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодир эътироф гардидааст.

Мо мехоҳем бо истифода аз имкониятҳои васеи созмони шумо дар сатҳи байналмилалӣ бори дигар ҳамин таҷрибаи сулҳхоҳонаро аз тариқи Шӯрои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ хубтару дурусттар ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем, зеро таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон падидаи нодир дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст, - гуфт дар фарҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН





(Идома аз саҳ. 1)

Бо эҳсоси баланди худшиносӣ ва омодагии пайваста риояи талаботи оинномаҳо ва интизоми қатъии ҳарбӣ асоси фаъолияти ҳаррӯзаи афсарону сарбозони Қӯшунҳои сарҳадиро ташкил медиҳад. Ҳамин аст, ки ҳамарӯза дар дидбонгоҳҳои сарҳадӣ афсарону сарбозони бонангу номус тавассути гузаронидани машқҳои ҳарбӣ малакаи касбии худро сайқал дода, хизмати Ватан-модарро содиқонаю софдилона адо мекунанд.

Дӯст доштани Ватан, давлат ва миллат ҳадафи асосии ҳар як фарди ватандӯст буда, марзи давлатӣ, аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ барои сарбозону афсарон ба ҳисоб меравад ва онҳо ҳар ваҷаб марзи муқаддасро бо садоқату матонати баланд ҳимоя мекунанд.

Қӯшунҳои сарҳадӣ мисли дигар сохторҳои низомии мамлакат дар давраи ниҳоят ҳассоси таърихӣ таъсис дода шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ барои таъмин кардани инфросохтор ва мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии сохторҳои марзбонӣ тамоми тадбирҳои зарурира амалӣ гардонид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромаду суханрониҳояшон беҳтар кардани заминаи моддӣ-техникии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва баланд бардоштани иқтидори мудофиавиро яке аз вазифаҳои асосии давлат арзёбӣ карда, афсарону сарбозони далеру шуҷои Ватанро барои ҳимояи марзу буми давлатӣ вазифадор мекунанд. Ҳамзамон, сарбозон метавонанд дар шароити лозима ба машқу тамрин машғул шаванд.

Инчунин, ҳайати шахсӣ имкон доранд, нозукиҳои хизмати ҳарбӣ ва нишонзаниро дар майдончаи омӯзишӣ аз худ намуда, малакаи касбӣ ва омодабошии ҷангии худро барои муҳофизати сарҳади давлатӣ сайқал диҳанд.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали Артиш, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои истифодаи муфид аз имконияти фароҳамшуда, муҳофизати сарҳади давлатӣ, пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолияту озодии Ватан ва зиндагии ороми мардум ҳайати шахсиро вазифадор карданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани санги асос барои бунёди қасри фарҳанг дар маркази ноҳияи Фархор иштирок намуданд.**

Бинои қасри фарҳанг 3 ошёна буда, барои 700 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст. Фармоишгари иншооти мазкур Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба маблағи 35 миллион сомонӣ дар доираи тадбирҳои ободонию созандагӣ дар масоҳати 0,65 гектар бунёд мегардад. Корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонии он аз ҷониби мутахассисони ҶСК «САНИИОСП» анҷом дода мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи бунёди қасри фарҳанг дар ноҳияи Фархор ба масъулин барои дар сатҳи баланд анҷом додани корҳои лоиҳакашиву сохтмонӣ дастуру маслиҳатҳои муфид дода, онҳоро барои дар муҳлати муайяншуда ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ вазифадор намуданд.

Бо бунёди ин иншооти фарҳангӣ шароити фаъолияти аҳли фарҳанги ноҳия боз ҳам беҳтар гардида, бо тарҳи зебояш намои маркази ноҳияро назаррабо мегардонад.

**19-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ҶДММ «Маркази тиббии Саломат»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

ҶДММ «Маркази тиббии Саломат» бо мақсади расонидани кумаки ташхисию табобатӣ ба сокинон бо истифода аз таҷҳизоти муосир аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Азиза Умарова бунёд гардидааст. Сохтмони бинои маркази тиббӣ соли 2021 оғоз гардида, он аз 3 ошёна ва таҳхона иборат аст. Корҳои сохтмонии иншооти мазкур аз ҷониби ширкати сохтмонии маҳаллӣ дар давоми ду сол анҷом дода шудааст.

Дар таҳхонаи бино бахши физеодармонӣ ва дорухона, дар ошёнаи аввал ҳуҷраҳои сабти барқии дил, ташхиси эхоултрасадоии дил ва ташхиси томографияи компютерӣ ҷойгир шудааст.

Дар ошёнаҳои дуюм ва сеюм бошад, ҳуҷраҳои қабули беморихои занона, дандонпизишк, гӯшу гулӯ ва бинӣ, бемориҳои дил, амрози даруна, асаб, ҳуҷраи амалиёти фаврии ҷарроҳиҳои хурд, ҳуҷраҳои табобати интенсивӣ ва озмоишгоҳҳои клиникию биохимиёвӣ ҷойгир шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ ва имконияти мусоиди ташхису табобат дар ин марказ баҳои баланд дода, барои боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонӣ ва фаъолияти софдилона ба кормандони он дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

Барои фаъолияти пурсамари «Маркази тиббии Саломат» ба арзиши умумии 10 миллион сомонӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ харидорӣ ва васлу насб шудааст. Маркази саломатӣ дорои таҷҳизоти томографии компютерии истеҳсоли Ширкати «Сименс»-и Олмон, ки бо арзиши чор миллион сомонӣ харидорӣ шудааст, муҷаҳҳаз мебошад. Кори ин таҷҳизот дар марказ боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва дақиқ шудани ташхису табобат мегардад.

Ба фаъолият оғоз намудани ин маркази саломатӣ имкон медиҳад, ки минбаъд сокинон дар маҳали зисти худ аз хизматрасонии сатҳи баланди тиббӣ бархӯрдор гарданд.

Тавре ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дода шуд, баъди ба истифода додани маркази саломатӣ 30 нафар мутахассисони соҳа ба кор ҷалб гардида, ба 30 ҳазор нафар аҳолии атроф хизмати босифати тиббӣ мерасонанд.

**19-уми октябри соли 2023 дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Фархор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷамоати деҳоти «Фархор» бинои ҶДММ «Маркази ташхисию табобатии Ориёно»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

ҶДММ «Маркази ташхисию табобатии Ориёно» дар доираи тадбирҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Лутфия Камолова бунёд шуда, дар он шароити муосири ташхису табобат барои аҳолии ноҳия фароҳам оварда шудааст. Тавре ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, сохтмони бинои маркази тиббӣ ҳанӯз соли 2021 оғоз гардида, аз таҳхона, панҷ ошёна ва болохона иборат аст. Бинои мазкур аз тарафи Ширкати сохтмонии ҶДММ «Фирӯз-сохтмон» дар давоми ду сол бо сифати баланд анҷом дода шудааст.




Дар ҶДММ «Маркази ташхисию табобатии Ориёно» 34 нафар, аз ҷумла 6 табиб, 14 корманди миёнаи тиббӣ ва 12 нафар корманди ёрирасон ба кор ҷалб шудаанд. Барои фаъолияти пурсамари марказ бо арзиши 12 миллион сомонӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ харидорӣ ва васлу насб гардидааст.

Дар таҳхонаи иншоот дорухона, ошхона, ҳуҷраи ташхиси рентгени рақамӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ҷойгир карда шудаанд, ки барои ниёзмандон хизмати сатҳи баландро пешниҳод менамоянд.

Дар ошёнаи аввали бинои мазкур бо мақсади пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба ниёзмандон ҳуҷраҳои қабули беморон, муоина ва сабти барқии дил, муоина ва ташхиси ултрасадоӣ, муоина ва ташхиси гастроскопӣ ва ҳуҷраи рухсатии беморон ҷой дода шудааст.

Ошёнаи чорум ба бахши ҷарроҳӣ ва ҳуҷраҳои табобати интенсивӣ махсус гардонида шуда, дар ҳуҷраҳои интенсивӣ шароити мусоид барои беморони баъди ҷарроҳӣ ва ниёздошта ба эҳё фароҳам оварда шудааст.

Ошёнаи панҷум барои бахши ташхисӣ ва ҳуҷраҳои табобатӣ барои қабули бемориҳои дил, гӯшу гулӯву бинӣ, асаб, чашм, дандон, озмоишгоҳҳои клиникию биохимиёвӣ пешбинӣ шуда, дар ошёнаи шашум маҷлисгоҳ ва ҳуҷраи кории маъмурият ҷойгир шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз шароиту имконоти ин муассисаи тиббӣ ба корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардида барои аҳолӣ баҳои баланд доданд.

Дар «Маркази ташхисию табобатии Ориёно» дастгоҳи эндовидеоҷарроҳии истеҳсоли Ширкати «Delmont»-и Ҷумҳурии Фаронса харидорӣ ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Арзиши ин таҷҳизот наздики 2 миллион сомонӣ буда, дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ягона мебошад.

Ба гуфтаи масъулин, дар оянда бо истифода аз имкониятҳои ин марказ бо ҷалби мутахассисони сатҳи минтақа ва ҷумҳуриявӣ амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ ва дигар усулҳои муоина, ташхис ва табобати бемориҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Бо оғози фаъолияти «Маркази ташхисию табобатии Ориёно» аҳолӣ имкон доранд, ки барои ташхису табобат бе харҷи маблағи зиёд ва сарфаи вақт дар назди хонаҳои худ аз хизматрасонии сатҳи баланди тиббӣ баҳравар гарданд.

Дар марказ барои интиқоли беморone, ки ба кумаки тиббии фаврӣ ниёз доранд, автомобили махсусгардонидашуда низ фаъолият мекунад. Дар бино маҷмӯан, 20 кати хоб, аз ҷумла 5 кат барои бемориҳои дил, 5 кат барои бемориҳои асаб, 5 кат барои бемориҳои амрози даруна ва 5 кат барои бемориҳое, ки ба ҷарроҳӣ ниёз доранд, ҷудо шудааст.

Дар ин ҳуҷраҳо таҷҳизоти тиббӣ, ба монанди рентгени рақамӣ, муоинаи гастроскопӣ, муоинаи ултрасадоӣ, кардиомониторҳо, кати ҷарроҳӣ, дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ ва дигар таҷҳизоти муосири тиббӣ васлу насб шудааст.

**Баъд аз ифтитоҳи ҶДММ «Маркази ташхисию табобатии Ориёно» дар деҳаи Ориёни Ҷамоати деҳоти «Фархор»- и ноҳияи Фархор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 100 нафар ятими кулл аз ноҳияҳои Фархор, Балҷувон, Муъминобод, Темурмалик, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Шамсиддин Шоҳин мулоқот намуда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карданд.**

Мавриди зикр аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо ятимон мулоқот анҷом дода, бо вазъи зиндагии онҳо шинос мешаванд.

Дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ятимон дар ноҳияи Фархор дар доираи сиёсати иҷтимоӣ ва ғамхориҳо нисбат ба ятимон баробари оростани дастархони пурнозу неъмат ба наврасону ҷавонон, ки бо амри тақдир аз навозиши падару модар бенасиб мондаанд, сарулибос, кумаки молиявӣ ва шириниҳо тақдим шуд.

Ятимон бо шодию нишот аз дасти Сарвари давлати инсондӯсту ятимпарвари хеш туҳфаҳои арзишманду хотирмон гирифтанд. Таъкид гардид, ки ғамхорӣ нисбат ба ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои камбизоат дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дошта, барои беҳтар намудани шароити мусоиди зиндагӣ ва таҳсили онҳо пайваста тадбирҳои зарурӣ ва самарабахш андешида мешавад. Ниёзмандон зери таваҷҷуҳ ва ғамхории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наврасону ҷавонони ятими ноҳияҳои Фархор, Балҷувон, Муъминобод, Темурмалик, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Шамсиддин Шоҳин суҳбат доир намуда, онҳоро барои таҳсили хубу аъло, омӯхтани касбу ҳунар ва илмҳои дақиқу муосир, техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ватандустӣ ҳидоят намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон аз Хоҷагии деҳқонии боғпарварии «Боғи Нодир» боздид ба амал оварданд.**

Дар Хоҷагии деҳқонии боғпарварии «Боғи Нодир» Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маданияти истифодаи замин, аз ҷумла нашъунамои шолӣ дар кишти такрорӣ, ҷамъоварии ҳосили пахта, фаъолияти гармхона ва сардхона бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулот шинос шуда, аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ дидан карданд.

Дар хоҷагӣ, ки дорои 160 гектар буда, 80 саҳмдор дорад, дарахтони гуногуни мевадиҳанда парвариш ёфта, сабзавоту зироатҳои гуногун кишт мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки ба хотири таъмини бозорҳои ноҳия ва дигар истеъмолкунандагон бо маҳсулоти тару тоза ва босифати кишоварзӣ, инчунин, барои содироти маҳсулот дар 50 гектар парвариши дарахтони зардолу, 4 гектар анор, 3 гектар бодом, 7 гектар олу, 6 гектар пиёз ва дар 8 гектар каду ба роҳ монда шудааст.

Хоҷагии деҳқонии боғпарварии «Боғи Нодир» серсоҳа буда, дар он ҳамчунин, дар майдони 48 гектар пахта ва дар масоҳати 32 гектар шолӣ кишт шудааст.

Бо истифода аз боду ҳавои мусоид ва заминҳои корам, инчунин, таҷрибаи бои заминдорӣ хоҷагидорон дар майдони 1 гектар помидор ва дар 1 гектар зироатҳои дигарро кишт карда, дар масоҳати умумии 0,2 гектар гармхона бунёд кардаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо фаъолияти Хоҷагии деҳқонию боғпарварии «Боғи Нодир» ба тарзи ташкили кор, истифодаи самараноки замин ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ баҳои арзанда доданд. Ҳамчунин, ба хоҷагидорон барои рушду равнақи соҳаи боғдорӣ ва зироаткорӣ дастуру маслиҳатҳои муфид дода шуд.

**Нимаи дуюми рӯзи 19-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ аз вазъи зиндагии мардум, ифтитоҳи як қатор иншоот ва мулоқот бо сокинон бо сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сокинону фаъолони шаҳр бо эҳтироми гарму самимӣ ва бо шукӯҳу шаҳомати хос истиқбол гирифтанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои нави таълимӣ дар деҳаи Сангпари деҳоти «Зиракӣ»- и шаҳри Кӯлоб аз ду ошёна иборат буда, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ сохта шудааст.

Масоҳати умумии замини муассиса 1,75 гектарро ташкил дода, худи бинои таълимӣ дар масоҳати 748 метри мураббаъ бунёд ёфта, барои ба таҳсил фаро гирифтани 640 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Бо мавриди истифода қарор гирифтани иншоот 40 мутахассис ба ҳайси омӯзгор бо ҷойи кор ва маоиши хуб таъмин шуданд.

Муассисаи таълимӣ дорои 12 синфхона, аз ҷумла химия, физика, технологияи иттилоотӣ, таълими меҳнат дар алоҳидагӣ барои духтарон ва писарон, китобхона бо толори хониш ва 4 ҳуҷраи корӣ мебошад. Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҷалби хонандагон ба намудҳои гуногуни варзиш дар назди бинои таълимӣ майдончаи варзишӣ дар масоҳати 375 метри мураббаъ сохта шудааст. Ифтитоҳи иншоот барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони сокинони деҳаҳои Сангпар ва Баҳористон имконияти хубу мусоидро фароҳам овард.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити муосири таълиму тарбияи насли наврас дар бинои нави таълимӣ омӯзгорону дигар масъулонро барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва тарбияи хуби онҳо дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ҳидоят намуданд.

Бунёд ва ба истифода додани бинои нави таълимӣ ин идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ин роҳ боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи насли ояндасози миллат мебошад.

Фармоишгари иншоот филиали Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб буда, корҳои сохтмонию паймонкорӣ дар бинои таълимиро мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ухда» аз рӯи лоиҳаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шаҳрофар» бо сатҳу сифати баланд дар муҳлати муайянгардида ба анҷом расонданд. Атрофи бинои таълимӣ сабзу хуррам буда, барои истироҳату фароғати хонандагону омӯзгорон нишастгоҳҳо низ гузошта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи бинои замонавии таълимиро барои сокинони деҳаҳои Сангпар ва Баҳористони шаҳри Кӯлоб туҳфаи арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, хонандагону омӯзгоронро барои истифодаи пурсамару мақсаднок аз шароити фароҳамкарда роҳнамоӣ карданд.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб бо нишони эҳтирому қадршиносӣ ба гузаштагон оромгоҳи олим ва мутафаккири машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат намуда, бо қироати оятҳо аз «Қуръон»-и маҷид баҳри пойдории суботу оромии Тоҷикистони соҳибистиқлол, осудагии мардуми кишвар ва пешрафту шукуфоии Ватан дуову фотеҳаи нек карданд.**

Мақбара ва ҳудуди оромгоҳи ин шахсияти таърихии миллати тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ таҷдиду навсозӣ гардида, ба як макони ободу зебо табдил дода шуд, ки ҳар рӯз садҳо нафар сайёҳони дохилию хориҷӣ барои зиёрат ва боздид ба ин макон ташриф меоранд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шахсияти шинохтаи оламии илму маърифат буда, маҳз эътирофи мартабаи бародарию баробарии одамон, эҳсону мурувват, нақши илму маориф ва маърифати аҳолӣ, тарғиби сулҳу оромӣ, фарҳанги сулҳ ва таҳаммулгароӣ ӯро машҳури ҷаҳон кард ва имрӯз дар кишварҳои гуногуни олам пайравону эътиқодмандони зиёд дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти шаҳр ва масъулини Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ҳудуди ин макони таърихӣ ва дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани меҳмонони дохилию хориҷӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

**Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб бинои иловагӣ дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42-ро ба истифода супориданд.**

Бинои нави таълимӣ аз ду ошёна иборат буда, бо ҷонибдорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта шудааст. Иншооти иловагии таълимӣ барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои даҳ синфхонаи барҳаво, аз ҷумла физика, биология, химия, технологияи иттилоотӣ, ҳуҷраи омӯзгорон, синфхонаи томактабӣ ва дигар иншооти ёрирасон буда, бо дастгоҳу аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Бо ифтитоҳи бинои нави таълимӣ шумораи синфхонаҳои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42 дар шаҳри Кӯлоб ба 25 адад расид ва мушкили норасоии ҷои нишасти хонандагон пурра бартараф шуд. Дар муассисаи таълимӣ беш аз 30 нафар ба ҳайси омӯзгор ба кор ҷалб гардидаанд. Бино дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи «Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна» дар доираи Лоиҳаи «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф» сохта шудааст.

Масоҳати иншооти нави соҳаи маориф 420 метри мураббаъро дар бар гирифта, он аз рӯи лоиҳаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шаҳрофар» бо ҷалби мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фаридун» дар муҳлати муайянгардида бо риояи талаботи муосир бунёд гардидааст. Дар рафти корҳои сохтмонӣ 20 нафар бинокори маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Бинои иловагии муассисаи таълимӣ бо шабакаи гармидиҳӣ, ки бо истифода аз ангиштсанг фаъолият мекунад, пайваст мебошад ва ин низоми каммасраф дар мавсими сардиҳои зимистон барои бо гармӣ таъмин кардани синфхонаҳо мувофиқ аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамшуда дар ин даргоҳи маърифат омӯзгоронро барои равона намудани тамоми малакаву таҷрибаи кордонӣ барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ҳидоят карданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Беморхонаи рӯҳӣ ва наркологии минтақаи Кӯлобро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти соҳаи тандурустӣ аз чор ошёна ва таҳхона иборат буда, масоҳати замини он 5 ҳазору 658 метри мураббаъро дар бар мегирад. Корҳои сохтмонӣ аз ҷониби мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фаридун» ба иҷро расонида шудааст. Аз рӯи лоиҳа дар бинои мазкур ҳам бемориҳои наркологӣ ва ҳам бемориҳои рӯҳиву равонӣ табобат карда мешаванд.

Дар Маркази Беморхонаи наркологӣ дар минтақаи Кӯлоб 40 кати хоб, 8 шуъба, аз ҷумла шуъбаҳои занона ва мардонаи беморони майзада, наркологӣ, экспертизаи судӣ, табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон, наркологии наврасон, эҳёгарӣ ва шуъбаи таҳлил мавҷуд аст, ки ҳамаи онҳо ба талаботи замони имрӯза ҷавобгӯ мебошад. Дар таҳхона дармонгоҳ, озмоишгоҳи клиникӣ, бахши ташхисӣ ва экспертизаи наркологӣ, ҳамзамон, Маркази экспертизаи тиббию судии минтақаи Кӯлоб ҷойгир карда шудааст.

Дастгоҳу таҷҳизоти беморхона, аз қабили дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ (ИВЛ), оксегенератор, узӣ, катҳои ташхисӣ ва асбобҳои асосӣ барои ёрии таъҷилӣ аз хориҷи кишвар ворид гардида, барои табобати пурраю саривақтии беморон мусоидат менамояд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки беморхонаи мазкур бо чунин шароит дар миқёси ҷумҳурӣ аввалин ба шумор рафта, дар он имконияти аз 3 то 21 рӯз ба табобати шабонарӯзӣ фаро гирифтани бемориҳои наркологӣ мавҷуд аст. Дар беморхонаи тозабунёд 20 ҳуҷра бо шароити муосир таъсис дода шуда, он имкони дар як вақт ба 40 нафар хизмат расониданро дорад.

Пас аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави Маркази вилоятии равонпизишкӣ беш аз 80 нафар бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шуда, дар хизмати аҳолӣ қарор доранд.

Табибони Беморхонаи рӯҳӣ ва наркологии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирӣ ва ғамхории пайвастаашон нисбат ба кормандони соҳаи тандурустӣ изҳори сипосу миннатдорӣ намуда, бо итминон иброз доштанд, ки баҳри таъмини солимии ҷомеа дониш ва таҷрибаи андӯхтаи хешро равона месозанд.

**19-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои шуъбаи Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Кӯлоб мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои навбунёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои 24 ҳуҷраи корӣ ва иншооти ёрирасон мебошад. Дар ошёнаи якум китобхонаи кушоду барҳаво бо асарҳои Пешвои миллат, шоирону нависандагони классик ва муосири халқи тоҷик, адабиёти соҳавӣ ва 10 ҳазор нусхаи китобҳои электронӣ, қисми навбатдорӣ, анбори нигоҳдории либос ва маҳсулоти хӯрока ҷойгир аст.

Кормандони шуъба метавонанд дар вақтҳои барояшон мусоид озодона вориди китобхона гашта, адабиёти лозимаи хешро дастрас ва мутолиа намоянд. Ҳамзамон, дар китобхона ду компютер насб шудааст, ки ба шабакаи интернет пайваст мебошанд.

Дар бинои навбунёд толори кушоду барҳавои маҷлисӣ бо 80 ҷои нишаст, ошхона барои 60 нафар ва толори варзишӣ барои машқу тамрини кормандон сохта шудааст. Толори маҷлисӣ барои баргузории ҳама гуна воҳӯрию мулоқот ва чорабиниҳои сиёсӣ - тарбиявӣ бисёр мувофиқ мебошад.

Ҳуҷраҳои ошёнаи сеюм ва чоруми бинои нав барои кормандони хадамот, аз ҷумла афсарони шуъбаҳои назорати ташкилӣ, банақшагирии иқтисодӣ, кор бо ҳайати шахсӣ ва корҳои ташкили воҳидӣ, хизмат, роҳбаладӣ, шуъбаи воситаҳои техникӣ ва муҳандисӣ пешбинӣ шудааст. Ба ғайр аз ин, дар ошёнаи чоруми бино меҳмонхона сохта шудааст, ки дар ҳуҷраҳои он барои қабули меҳмонон тамоми шароити зарурӣ муҳайё аст. Дар ин рӯз аз ҷониби Сарвари давлат ба кормандони шуъба як воситаи нақлиёти хизматӣ туҳфа карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити дар бинои нав фароҳамгардида, ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандони шуъбаи Хадамоти давлатии «Муҳофиза» - и Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Кӯлобро дар самти иҷрои содиқонаи вазифаҳои хизматиашон вазифадор намуданд.

Ёдовар мешавем, ки корҳои сохтмонии иншоот аз тарафи сохтмончиёни Раёсати сохтмони асосии Вазорати корҳои дохилӣ бо сифати баланд иҷро гардид. Намои берунаи бино бо тарҳи муосир оро ёфта, равшании онро дар шаб чароғакҳои гуногуни ҷилодиҳанда таъмин менамоянд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**20-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Ҳулбук зеристгоҳи барқии 110/35/10 кВ Восеъро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти нави соҳаи энергетикӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусоидати молиявии Бонки осиёии рушд бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сохта шудааст. Фармоишгари иншоот - ҶСК «Барқи Тоҷик» буда, паймонкор Ширкати консорсиуми «Генсер ва Ҷенерал электрик» мебошад. Зеристгоҳ бо мақсади саҳмгузорӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат - саноатикунонии босуръати мамлакат ва таъмини аҳолӣ бо неруи барқ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани иқтидори энергетикии мамлакат сохта шудааст.

Иншооти мазкур бо таҷҳизоту технологияи муосир муҷаҳҳаз гардонида шуда, он дорои сифати баланд мебошад. Дар зеристгоҳи навбунёд 15 нафар мутахассис, ки сокинони маҳаллӣ мебошанд, бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мегарданд. Дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зеристгоҳи барқии 110/10 кВ Рӯдакӣ ва хатти интиқоли барқи 110 кВ Восеъ - Рӯдакӣ дар деҳаи Меҳнатободи деҳоти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро тариқи маҷозӣ мавриди истифода қарор доданд.

Аз зеристгоҳи барқии 110/35/10 кВ 25 ҳазор аҳолии деҳоти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 200 ҳазор аҳолии дигари ноҳияи Восеъ истифода мебаранд. Иншооти мазкур низ ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории Бонки осиёии рушд бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сохта шудааст.

Зеристгоҳ барои таъмини аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо барқ пешбинӣ гардида, бо таҷҳизоту технологияи нав муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дастгоҳҳои зеристгоҳ дорои сифати баланд буда, дар бозори дохилӣ талабот ба он зиёд аст. Дар иншооти навсохт 16 нафар сокинони маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд.

Дар саҳну атрофи зеристгоҳи барқӣ дарахтони сояафкану ороишӣ ва гулҳои рангоранги мавсимӣ шинонида шудааст. Роҳравҳои иншооти мазкур сафолакпӯш гардида, гирду атрофи он чароғон карда, бо деворҳои иҳотавӣ маҳкам гардидааст.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Исмоили Сомонии шаҳраки Ҳулбук бинои Маркази ҷавононро, ки бо тарҳи муосир сохта шудааст, ба истифода доданд.**

Маркази ҷавонон аз зумраи иншооти ҷашнӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар заминаи сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии ҷавонон бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст. Дар бинои мазкур барои фаъолияти ҷавонон тамоми шароити корӣ фароҳам оварда шудааст.

Фармоишгари иншооти нав Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, паймонкор ҶДММ «Қудрати Данғара» мебошад. Корҳои сохтмонӣ соли 2021 шурӯъ шуда, бино дар муҳлати муайяншуда бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расид. Дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ зиёда аз 30 нафар сохтмончии маҳаллӣ ба кори муваққатӣ ҷалб гардид. Ҳамчунин, дар дохили иншооти мазкур барои омӯзиши ҷавонон синфхонаҳои барҳавои замонавӣ барои аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва касбомӯзӣ бо таҷҳизоти замонавӣ сохта шудааст.

Пешвои миллат зимни суҳбат бо ҷавонон онҳоро ба илмомӯзӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, аз худ кардани илмҳои замонавӣ ва хидмати софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд. Иншооти мазкур дорои толори маҷлисгоҳ ва ҳуҷраҳои барҳаво буда, дар онҳо шароити муосир фароҳам оварда шудааст. Намои дохилӣ ва берунии иншоот бо шаклу унсурҳои миллӣ ва муосир оро ёфтааст, ки ба маркази ноҳия ҳусни дигар зам менамояд.

**20-уми октябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Восеъ бинои Муассисаи томактабии «Офтобак»-ро ба истифода доданд.**

Кӯдакистон дар деҳаи Ҷаврези деҳоти ба номи Абдӣ Авазов бунёд гардида, барои 320 кӯдак пешбинӣ шудааст. Иншоот аз чор ошёна иборат буда, дар он 19 нафар ба тарбиятгирандагон таълим медиҳанд.

Муассисаи томактабӣ аз ҷониби ҶДММ «Комил 2010» сохта шуда, аз 24 ҳуҷраи машғулиятгузаронӣ, ошхона, толорҳои варзишию мусиқӣ, толор барои баргузории маҳфилҳои гуногун, ҳуҷраи тиббӣ, анбор барои нигоҳдории маҳсулоти хӯроквори ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад. Ҳуҷраҳои алоҳидаи хобу истироҳати кӯдакон бо таҷҳизоти муосир, аз қабили рахти хоб ва дигар ашёи фароғатӣ таъмин мебошанд.

Муассисаи томактабии «Офтобак» ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат бо тарҳи муосир ва сифати баланд сохта шудааст. Дар саҳни бинои муассиса айвончаҳо барои ба истироҳату фароғат ва дигар машғулият фаро гирифтани кӯдакон ва майдончаҳои бозии бо таҷҳизоти нави дилхушӣ муҷаҳҳаз ташкил шудаанд. Бино ба системаи гармидиҳӣ пайваст буда, гармии ҳуҷраҳои машғулиятгузаронию корӣ дар фасли зимистон тавассути он таъмин мешавад.

Дар ҳудуди боғча дарахтони сояафкану ҳамешасабз ва гулҳои мавсимӣ шинонида шуда, роҳравҳои бинои мазкур бо санъати баланди меъморӣ сафолакпӯш шуда, барои кӯдакон арғунчак ва дигар намуди бозичаҳо насб гардидааст. Ҳамчунин, аз ҷониби соҳибкорон ду километр роҳи байни деҳот мумфарш карда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёгардида дар бинои нав мураббияҳоро ба таълиму тарбияи дурусти кӯдакон ҳидоят намуданд.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Охҷари деҳоти ба номи Миралӣ Маҳмадалиев бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-ро ба истифода доданд.**

Иншоот дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои Ҳукумати мамлакат бо шарикони рушд сохта шудааст. Бинои муассисаи нави таълимӣ дуошёна буда, барои 480 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Муассисаи нави таълимӣ аз даҳ синфхонаи барҳаво, аз ҷумла кабинетҳои фаннии химия, физика, математика, синфхонаҳои технологияи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, синфхонаҳои компютерӣ, китобхонаю толори барҳавои хониш, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорон ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳадаф аз бунёд ва ба истифода супоридани муассисаи нави таълимӣ, идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба ин восита беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат дар рӯҳияи донишомӯзӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2021 оғоз гардида, он дар заминаи амалишавии Лоиҳаи «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф» аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи «Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна» бо ҷалби мутахассисони ҶДММ «Фирӯз» бунёд карда шудааст. Дар рафти сохтмон беш аз 35 нафар ба кор ҷалб гардида, бо маоши хуб таъмин буданд. Бино дорои системаи гармидиҳии мустақил буда, бо усули каммасрафи истифода аз ангиштсанг дар айёми сардиҳои фасли зимистон тамоми синфхонаҳо гарм карда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити фароҳамовардашуда дар даргоҳи нави маърифат шинос шуда, бо омӯзгорону хонандагони муассиса суҳбати самимӣ анҷом доданд.

**Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон роҳи автомобилгарди қитъаи Ҳулбук - Темурмалик - Кангуртро расман ифтитоҳ намуданд.**

Масофаи умумии ин қитъаи роҳ 60 километр ва паҳноии он аз 7 то 12 метрро ташкил дода, дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ мебошад. Дар ин масир 76 қубури обгузар, ҷӯйборҳои бетонӣ дар ҳар ду канори роҳ, пойдеворҳои муҳофизатӣ, панҷ пули мошингузар сохта шуда, дар асоси лоиҳа хатҳои уфуқӣ, аломати роҳ, чароғҳо ва дигар иншооти зарурӣ мутобиқ ба лоиҳа кашида шудааст.

Корҳои сохтмонию навсозӣ дар ин роҳ бо саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд анҷом ёфтаанд.

Корҳои сохтмонӣ дар роҳи нақлиётгарди Ҳулбук -Темурмалик - Кангурт 1-уми ноябри соли 2021 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида буд.

Лоиҳаи таҷдиду навсозии ин роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта бо ташаббус ва иқдоми бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмин намудани ҳаракати бемамонияти воситаҳои нақлиёт ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба аҳолӣ амалӣ гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд. Корҳои паймонкорӣ дар роҳи мошингарди Ҳулбук - Темурмалик - Кангуртро Ширкати чинии «China State Construction Xinjiang Construction Engineering Group Co» анҷом додааст.

Лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Ҳулбук-Темурмалик-Кангурт аз ду марҳила иборат буда, марҳилаи якум, Ҳулбук - Темурмалик 33,4 км, марҳилаи дуюм Темурмалик - Кангурт 25,17 км роҳро дар бар мегирад.

Ифтитоҳи роҳи автомобилгарди ноҳияи Восеъ - Ҳулбук - Темурмалик - Кангурт боз як қадами устувори дигар дар ҷодаи рушди сайёҳӣ дар мамлакат мебошад. Ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самти бунёду таҷдиди роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ, инчунин, як силсила лоиҳаҳо барои бунёди роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ татбиқ шуда истодаанд.

**(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон дар шумораи оянда нашр мешаванд).**

---

**www.prezident.tj**

**20-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Шоҳмурод Рустам, раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон Мавлудахон Мирзозода, Сарвиноз Маҷидзода, Толибхон Азимзода дар кори ҷаласаҳои комиссияи доимии Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, масъалаҳои мудофиа ва амният, масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, масъалаҳои экологӣ ва иқтисодӣ, ки дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия дар реҷаи фосилавӣ (онлайн) баргузор гардид, ширкат варзиданд.**

# ФАЪОЛИЯТИ ДАСТАҶАМЪОНА - ОМИЛИ АМНИЯТУ ОРОМӢ ДАР МИНТАҚА

Дар ҷаласаҳои комиссияи мазкур лоиҳаи тавсияҳо оид ба ҷавобгарӣ барои амалҳои марбут ба барқарорсозии натсизм ва таҳрифи ҳақиқати таърихӣ дар қонунгузории кишварҳои узви СААД, лоиҳаи қонунҳои намунавии СААД «Дар бораи пешгирии истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир», «Дар бораи лоиҳаи тавсияҳо оид ба таъмини қонунгузории амнияти биологии давлатҳои аъзои СААД», «Дар бораи маблағгузории фаъолияти Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», дар бораи рафти кор оид ба тасвиби шартномаҳои байналмилалии баимзорасида дар доираи СААД, лоиҳаи Қонуни намунавии СААД «Дар бораи амнияти инфрасохтори муҳими иттилоотӣ», лоиҳаи Қонуни намунавии СААД «Дар бораи ҳифзи иттилоот ва киберамният», лоиҳаи тавсияҳо оид ба таъмини қонунгузории амнияти биологии кишварҳои узви СААД, лоиҳаи нақшаи кори «Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ барои соли 2024» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аъзои комиссия, ҳамчунин, дар ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, масъалаҳо «Дар бораи фаъолияти СААД дар давраи байни сессияҳо ва тасвиби шартномаҳои байналмилалие, ки дар доираи СААД баста шудаанд», «Дар бораи натиҷаҳои мониторинги парлумонии вазъи низомию сиёсӣ дар минтақаи Аврупои шарқии амнияти дастаҷамъии СААД»- ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иштирокчиёни ҷаласаи нақшавии комиссияҳои доимии АБ СААД таъкид намуданд, ки ҳамкории байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаклҳои гуногуни ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба амалӣ карда мешавад.

Таъкид карда шуд, ки маҳз фаъолияти дастаҷамъона ва мубодилаи таҷриба дар ин самт воситаи ягонаи таъмини амнияту оромӣ дар минтақа хоҳад буд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МАСОИЛИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ БАРРАСӢ ГАРДИД



**16-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода бо гузоришгари вежаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили ақаллиятҳои миллӣ Фернанд де Варен мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот вазъи ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои ақаллиятҳои миллӣ дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи он мавриди баррасӣ қарор гирифт.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**18-уми октябри соли 2023 бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми аз заминларза зарардидаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кумаки башардӯстона фиристода шуд.**

# КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА БА ЗАРАРДИДАГОНИ АФҒОНИСТОН



Кумаки башардӯстона аз либосу пойафзоли зимистона, маҳсулоти хӯроквори, масолеҳи сохтмонӣ, хайма, ҷилди хобу рӯйпӯшҳои зимистона, оби нӯшокӣ ва дигар маводи ниёзи аввал иборат буда, қариб 3 ҳазору 300 тоннаро ташкил медиҳад.

Ба мардуми аз офати табиӣ зарардида кумаки мазкур тавассути 130 мошини боркаш ба Афғонистон интиқол дода шуд. Ин иқдом намунаи олии ғамхорию дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ёдовар мешавем, ки субҳи 7- уми октябри соли равон дар ноҳияҳои шимолу ғарби шаҳри Ҳирот заминларза бо қувваи 6,3 дараҷа рух дод, ки дар натиҷа, беш аз 2400 нафар ба ҳалокат расиданд. Тибқи маълумоти идораи маҳаллии мубориза бо офатҳои табиӣ, беш аз 600 манзили истиқоматӣ ва 13 деҳа хароб гардида, шумораи зарардидагони заминларза ба 10 ҳазор нафар расид. Баъдан, дар Афғонистон боз силсилазаминларзаҳо ба амал омаданд, ки дар натиҷаи онҳо низ нафарони зиёд ҳалок ва маҷруҳ гардиданд.

---

**АМИТ «Ховар»**

**Толори хониши Китобхонаи маркази ноҳияи Файзобод, ки дар Қасри фарҳанги ноҳия ҷойгир аст, ҳамарӯза серодам мебошад. Хусусан, баъди роҳандозӣ шудани Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сафи хонандагони он афзудааст. Тавре кормандони китобхона ба мо иттилоъ доданд, давоми ҳашт моҳ теъдоди хонандагони фаъоли китобхона 600 нафар афзудааст.**

# КИТОБХОНА - ГАНҶИНАИ БЕЗАВОЛ

- Дар китобхона 18 ҳазору 116 нусха адабиёти гуногунжанр бо забони тоҷикӣ ва русӣ мавҷуд мебошанд. Ҳар сол барои боз ҳам ғанитар намудани фонди китобхона асарҳои тозанашри шоирону нависандагон харидорӣ мешавад. То имрӯз беш аз 600 нусха адабиёти бадеӣ ба китобхона ворид шудааст, - иброз дошт зимни суҳбат мутахассиси пешбари китобхона Лолахон Табарова.

Воқеан, хонандагон дар ин ганҷина на танҳо аз осори гаронарзиши шоирону нависандагони тоҷику форс ва адибони муосир баҳравар мегарданд, балки имкони дастрасӣ ба иттилооти дигар низ доранд, ки барои боло бурдани ҳисси худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва дӯст доштани Ватан мусоидат менамоянд, аз он ҷумла, гӯшаи 32 - солагии Истиқлолияти давлатӣ. Дар ин гӯша адабиёт ва маводҳоеро низ метавон вохӯрд, ки ба хонандагон аз роҳи тайнамудаи давлатдории навинамон ва дастовардҳои замони истиқлолияти давлатӣ ба хонандагон иттилои фаровон манзур медорад ва хонандаро ба ёди солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мебарад.

Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар гӯшаи алоҳида ҷой дода шудаанд. Ин асарҳо, ки доир ба забони тоҷикӣ, истиқлолияти давлатӣ ва роҳи расидан ба он, таъриху тамаддуни халқи тоҷик мебошанд, имкон фароҳам меоранд, ки хонандагон дар шинохти таърихи халқи хеш, омилҳои нигоҳдошти миллат иттилои муфид пайдо намоянд.

Гӯшаҳои Даҳсолаи амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028» ва соли 2025 «Соли ҳифзи пиряххо» баёнгари ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба хотири зиндагии шоистаи мардумони сайёраи Замин роҳандозӣ шудаанд, мебошанд.

Силсилаи расмҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни сафар ба кишварҳои гуногун бардошта шудаанд, аз муносибати дӯстона ва ҳамкории судманди Тоҷикистон бо кишварҳои дигар гувоҳӣ медиҳанд.

Овезаҳои қаҳрамонони Тоҷикистон, ки барои ҳастии ин миллату давлат ҷонбозиҳо кардаанд, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки барои халқи тоҷик тақдирсоз арзёбӣ мешавад, муқаддасоти миллӣ, фаъолон ва аҳли адаби ноҳия низ барои хонандагони китобхона аз манфиат холӣ нестанд.

Гӯшаи ҳамноми Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тарғибгари озмуни мазкур мебошад, ки таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ миёни аҳолии кишвар доир мегардад.

Рӯзномаю маҷаллаҳое, ки дар китобхона ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ мешаванд, хонандагонро аз навгониҳои дохилу хориҷи мамлакат огоҳ месозад.

Дар китобхона ба хотири гиромидошти шахсиятҳои маъруфи соҳаи илму фарҳанг ва ҷалби бештари хонандагон пайваста чорабиниҳои гуногун роҳандозӣ мегардад. Метавон гуфт, ки ҳоло китобхона аз иҷрои муҳимтарин фаъолияти худ - қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотии истифодабарандагони адабиёт баромада метавонад.

Зимнан, кормандони ин даргоҳ бо хонандагон хушмуомила мебошанд ва фаъолияташонро тавре ба роҳ мондаанд, ки ҳар нафаре аввалин маротиба ба китобхона ташриф меорад, дар ниҳодаш майли пайваста ба ин даргоҳ омадан пайдо мегардад.

---

**Ҳокими САФАР**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»- ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дар-хостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418406 | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар бошгоҳи саҳроии пойгоҳи минтақавӣ дар қитъаи таҷрибавии Карсанги ноҳияи Файзобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.10.2023 13:10:00 |
| 2 | 418408 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №13» | Таъмири ҷории дохили бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.10.2023 14:15:00 |
| 3 | 418391 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 07.11.2023 09:08:36 |
| 4 | 418401 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 07.11.2023 09:10:10 |
| 5 | 418400 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Техникаи маишӣ, техникаи идоравӣ, мебел, муҳаррики барқӣ ва зарфи алюминӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 07.11.2023 09:11:11 |
| 6 | 418399 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Идомаи корҳои сохтмонӣ дар таҳхонаи «Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нав»-и академия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.11.2023 09:15:00 |
| 7 | 418390 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.11.2023 09:20:23 |
| 8 | 418403 | Муассисаи давлатии «Мактаб - интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 07.11.2023 10:50:00 |
| 9 | 418396 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Коркард ва роҳандозӣ намудани низоми биллингии бонк | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 07.11.2023 11:00:00 |
| 10 | 418407 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, варзишӣ ва техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 07.11.2023 14:00:00 |
| 11 | 418402 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 07.11.2023 14:53:54 |
| 12 | 418409 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 35-и ноҳияи Файзобод | Таҷҳизоти идоравӣ ва мошинаи дарздӯзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 07.11.2023 14:55:31 |
| 13 | 418404 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 07.11.2023 15:25:25 |
| 14 | 418398 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 07.11.2023 15:55:55 |
| 15 | 418405 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 07.11.2023 16:36:36 |
| 16 | 418394 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Ашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.11.2023 16:58:58 |
| 17 | 418395 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Ашт | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.11.2023 16:58:58 |
| 18 | 418392 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти мурғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 07.11.2023 17:00:00 |
| 19 | 418388 | Муассисаи давлати «Қасри теннис ва Маҷмааи варзиши обӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Чангкашак барои тоза кардани ҳавз ва карами ороишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 07.11.2023 17:15:00 |
| 20 | 418397 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Дастгоҳи бисёрфунксионалии офисӣ, принтер, моноблок, камераи CCTV, кабели коаксиалӣ, сканери сайёри китобхона, таъминоти барқ ва диски дурушт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 07.11.2023 17:45:00 |
| 21 | 418410 | Маркази вилоятии ташхисию табобатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб | Рентген-плёнка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.11.2023 15:00:26 |
| 25 | 418431 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Рахти хоб ва хилъат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.11.2023 15:20:27 |
| 26 | 418432 | Корхонаи воҳиди давлатии «Обу коррези Душанбе» | Қубур, бур, клапан, чархи нассос, кабел, ранг, равған, гипохлориди калтсий, қисмҳои эҳтиёти автомашина, молҳои барқӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 162 | 09.11.2023 08:00:00 |
| 27 | 418433 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 09.11.2023 08:20:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10-уми ноябри соли 2023 музоядаҳои № 38 ва № 39-ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд:**

**Музоядаи № 39**

| № | Номгӯйи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A32» | адад | 2 | 2160 |
| 2 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A04» | адад | 6 | 6240 |
| 3 | Телефони мобилии тамғаи «REDMI NOTE 11» | адад | 10 | 12000 |
| 4 | Телефони мобилии тамғаи «REDMI AT» | адад | 3 | 1680 |
| 5 | Телефони мобилии тамғаи «REDMI 9A» | адад | 3 | 1920 |
| 6 | Телефони мобилии тамғаи «REDMI 10A» | адад | 3 | 2640 |
| 7 | Телефони мобилии тамғаи «REDMI 10C» | адад | 3 | 3120 |

**Музоядаи № 39**

| № | Номгӯйи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «PRESTQIA» (таъмирталаб) | адад | 1 | 113 |
| 2 | Телефони мобилии тамғаи «NOKIA» (истифодашуда) | адад | 1 | 53 |
| 3 | Ноутбуки тамғаи «LENOVO» (истифодашуда) | адад | 1 | 1125 |
| 4 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A70» (таъмирталаб) | адад | 1 | 450 |
| 5 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A5» (истифодашуда) | адад | 1 | 188 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе დониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

(консультационные услуги)

**Название проекта:** Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД).

**Задача:** Фирма будет оказывать изыскательские, архитектурные, инженерно-измерительные и изыскательские услуги по проектированию и строительству учреждений здравоохранения (4 районных и 14 сельских медицинских пунктов), по изготовлению архитектурных и инженерных рабочих чертежей, спецификаций и ведомостей объемов работ, а также для оказания услуг по управлению строительством и авторскому надзору в период строительства.

Республика Таджикистан получила грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на выполнение консультационных услуг.

**Консультационные услуги включают в себя:**

1. Разработать типовые проекты центров здоровья, которые будут построены в 14 целевых районах (для одного районного центра здоровья и 3 привязок проекта к местности других РЦЗ и одного сельского центра здоровья и 13 привязок проекта к местности других СЦЗ);

2. Провести авторский надзор при строительстве 18 объектов ПМСП в соответствии с разработанным проектом.

Подробное технические задания (ТЗ) для задания можно получить по ссылке ниже:

**https://docs.google.com/document/d/1VlneAobpZvDSQTyptlv4-10aUm5XPs7A/edit?usp=share_link&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true**

Группе реализации проекта (ГРП) требуются услуги квалифицированной и опытной инженерной\проектной фирмы для оказания вышеуказанных задач.

Группа реализация проекта приглашает отвечающие установленным критериям фирмы сообщить о своей заинтересованности в предоставлении услуг.

Заинтересованные фирмы должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг:

**Квалификационные требования:**

Проектная фирма должна иметь:

i. государственную лицензию в области проектирования и надзора за строительными работами;

ii. не менее 10 лет большого опыта работы в сфере проектирования и авторского надзора объектов здравоохранения;

iii. необходимый ключевой персонал, как указано в ТЗ, для выполнения задания;

iv. ресурсы, необходимые для выполнения задания.

**Консультант будет выбран в соответствии с методом отбора на основе квалификации консультанта (ОКК), изложенным в правилах закупок.**

Выражение заинтересованности, резюме и другая дополнительная информация должны быть предоставлены в электронной форме по нижеуказанному адресу до **3 ноября 2023г., 16⁰⁰ часов.**

Министерство финансов Республики Таджикистан
ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: **jobs.info@ecdp.tj**
Тел: (37) 221-06-91.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии № 25409, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 2-юми декабри соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, хонаи 1 ба Юсупов Беҳзод Маҳмадраҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ таҳти №6660, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникии ноҳияи Варзоб 7-уми феврали соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати Варзоб-қалъа, кӯчаи Дашти Ринҷон ба Идиев Рустам Бобоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи соҳибкори инфиродии №0535035, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми сентябри соли 2022 бо РЯМ 1230225352 ба Саидов Хусрав Ғаниҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Парвандаи заминсозии гумшуда оид ба барасмиятдарории ҳуқуқи истифодабарии замини наздиҳавлигӣ бо силсилаи МЗ-19, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ҳисор ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Ҳисор бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Қизил-қишлоқ ба Мирзораҳимова Зебунисо Маҳмадаминовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ №0203556 бо қайди 2712, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Ситораи Отахон додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда бо РЯМ 0230094196, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ 17-уми марти соли 2021 ба Аслонов Фируз Комилҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2022 ба Файзулозода Саймаҳмуд Тоир додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи РВ № 382201 бо қайди 72, ки онро Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин 1-уми июли соли 1991 ба Шокиров Аминҷон Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Қувандиқов Сафиаллоҳ Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникӣ»-и шаҳри Душанбе моҳи майи соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 18, хонаи 14 ба Эсанова Фируза Буриевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, барои манзили истиқоматӣ таҳти рақами инвентарии 457, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри шаҳри Ҳисор соли 2007 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ №15 ба Бозорова Шарофат додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ бо дараҷаи А 0042618-и гумшуда, ки онро КДФ «БМҒҒ»-и шаҳри Ҳисор 13-уми декабри соли 2016 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ №15 ба Бозорова Шарофат Қурбоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Китоби қонунигардонидани манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Балъамӣ, бинои 13/2 хонаи 1 ба Очилов Равшанҷон Паизуллаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ таҳти феҳристи 6155, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Соҳилӣ, хонаи 93, ба Нажмидинова Файзигул Холназаровна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Зоҳидов Абдушукур, ки дорои Шаҳодатнома бо РЯМ 0930155894 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 октябри соли 2023, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34490 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97